Протоколи № 7

ҷаласаи шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон

ш. Душанбе 23 сентябри соли 2025

Иштирок доштанд:

Мудири шӯъба, д.и.ҳ. Абдуҷалилов А.,
сарходимони илмӣ:
академик Маҳмудзода М.А.,
узви вобастаи АМИТ, д.и.ҳ., проф. Раҳимзода М.З.,
ходимони пешбари илмӣ:
д.и.ҳ., проф. Қурбонов Қ.Ш.,
н.и.ҳ., дотсент Шонасридинов Н.,
лаборант Латипова Ф.

**Рӯзнома:**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии Исмоилова Мадина Исмоиловна

Оиди масъалаи якуми рӯзнома мудири шӯъба А.Абдуҷалилов баромад намуда, изҳор дошт, ки рисолаи номзадии унвонҷӯ Исмоилова Мадина Исмоиловна таҳти номгӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳукукҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» роҳбари илмӣ – д.и.ҳ. Меликов У.А. барои муҳокима ба шӯъба бори дуюм пешниҳод гаштааст. Сухан барои изҳори корҳои анҷомдодашуда ба унвонҷӯ Исмоилова М. дода шуд.

Дар баромади худ унвонҷӯ Исмоилова Мадина қайд намуд, ки баъд аз муҳокимаи якуми рисола ва гирифтани таклифу пешниҳодҳо оиди такмили илмии рисола аз тарафи ходимони шӯъба ӯ корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, ҳама таклифу пешниҳоди устодани шӯъбаро ба назар гирифтааст. Оид баислоҳи эродҳои пешниҳодгардидаи устодони шӯъба Исмоилова М. маълумотномаи васеъ пешниҳод намуд. Азҷумла, унвонҷӯ қайд намуд, ки мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ гардонида шуд, навгониҳои илмӣ пурра бозбинӣ карда шудаанд, адабиётҳои нисбатан нави ватанӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, пешниҳодҳо доир ба такмили қонунгузорӣ мушаххас ва васеъ карда шуд.

А.Абдуҷалилов ба ҳозирин иттилоъ дод, ки рисоларо омӯхтааст, ва бешубҳа унвонҷӯ дар раванди кор бо мавзӯи интихобгардида корҳои муайянро ба итмом расонидааст. Унвонҷӯ дар давоми кори илмӣ оиди бартараф намудани камбудиҳое, ки дар давоми баррасии рисола бори якум аз тарафи кормандони шӯъба қайд гардида буданд, ислоҳ намудааст. Тарзи навишти рисола ба талаботи рисолаи илмӣ мутобиқат кунонида шудааст. Чун

ҳоида, рисолаи илмӣ бояд ба талаботҳои муайяни Комиссияи Олии Аттестатсионӣ мутобиқ бошад. Хатогиҳои дар адабиёти истифодабурдашуда ҷой дошта ислоҳ гардидаанд. Адабиёт ва маводҳои дигари илмӣ-назариявӣ, алалхусус маводҳои илмии олимони ватанӣ дар шакли охирини рисола зиёдтар истифода бурда шудааст.

Дар баромадҳои худ академик Маҳмудзода М.А. ва узви вобастаи АМИТ Раҳимзода М.З. инчунин баён доштанд, ки рисола дар шакли имрӯза такмил дода шудааст, камбудиҳои дарҷгардида ислоҳ карда шудаанд.

Мудири шӯъба Абдуҷалилов тақризи роҳбари илмии унвонҷӯ Исмоилова М. доктори илми ҳуқуқ Меликов У.А. – ро қироат намуд. Дар тақризи роҳбари илмӣ омадааст, ки рисола такмил дода шуда, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Мудири шӯъба Абдуҷалилов дар охир баён дошт, ки рисолаи илмии Исмоилова М.И. кори илмии пурра буда, ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, таклиф намуд, ки рисола барои ҳимояи кушод дар Шӯрои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

Ходимони шӯъба таклифи мудири шӯъба Абдуҷалиловро якдилона тарафдорӣ намуданд.

Мудири шӯъба Абдуҷалилов лоиҳаи хулосаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро ба диссертатсияи Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қироат намуд. Хулоса аз тарафи ходимони шӯъба якдилона дастгирӣ карда шуд.

Дар натиҷаи муҳокима, -

**қарор карда шуд:**

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Исмоилова Мадина Исмоиловна таҳти номгӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» роҳбари илмӣ – д.и.ҳ. Меликов Умрилло Асадуллоевич барои ҳимояи кушод дар Шӯрои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

Нусхаи протокол ба Шурои илмии Институт равон карда шавад.

Мудири шӯъба
доктори илми ҳуқуқ А.Абдуҷалилов

котиб: Латипова Ф.

23.09.2025